# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи « Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – “Молия, муомилоти пулӣ ва қарз”**

Дар замони муосир бонкҳо, махсусан, бонкҳои тиҷоратӣ барои рушду нумӯи иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда, тавассути пешниҳод намудани намудҳои гуногуни қарзҳо хизматрасониҳои бонкиро анҷом медиҳанд, ки ин яке аз сарчашмаҳои даромади бонкҳо ба ҳисоб меравад.

Вазифаи дигари бонки тиҷоратӣ ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ барои дар бонкҳо нигоҳ доштани маблағҳои пулии онҳо ба шумор меравад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ инкишоф додани соҳаҳои хоҷагии халк, бояд, пеш аз ҳама, на аз ҳисоби маблағгузориҳои хориҷӣ, балки аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, бонкҳои тиҷоратиро на танҳо ба ифтитоҳи суратҳисоб ва ҳисобҳои ҷорӣ ва дар онҳо нигоҳ доштани маблағҳои муваққатан озод, балки зиёд шудани муштариён ҳавасманд мегардонад.

Дар сатҳи диссертатсия масъалаҳои мазкур матраҳ гардида, ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз лиҳози назариявӣ, амалӣ ва меъёрӣ таҳлилу баррасӣ гардида, барои рушд ва мукаммалгардии он хулосаву пешниҳодҳои илман асоснок карда шудааст. Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович ба омӯзиши « Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои

тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» бахшида шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – "Молия, муомилоти пулӣ ва қарз" мувофиқат менамояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Некрӯз Гадомадович, 06 марти соли 1993 таваллуд шуда, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2015 Донишгоҳи русӣ-тоҷикии славяниро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт хатм кардааст. Соли 2021 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, шуъбаи магистратураро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз, касби иқтисодчӣ бо муваффақият хатм намудааст

Аз 27-уми декабри соли 2021 дар назди кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти фармони №509-05 ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардидааст.

Солҳои 2016-2017 ба ҳайси муовини директори генералии ҶДММ "Кохи Наврӯз"кор кардааст.

Соли 2017 ба ҳайси мудири хазинаи ТАҚХ Сарвар фаъолият намуда, аз соли 2018 то соли 2024 ҳамчун муовини якуми директори ташкилоти мазкур ва аз моҳи январи 2025 то инҷониб ба ҳайси директори ТАҚХ Сарвар фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06 марти соли 2022, протоколи № 9 зери роҳбарии д.и.и., профессор Обидов Ф. С. тасдиқ гардидааст. Бинобар сабаби доштани шумораи зиёди докторатони PhD ва унвонҷӯён роҳбари илмии унвонҷӯ Шарипов Некрӯз Гадомадович аз зери роҳбарии д.и.и., профессор Обидов Ф. С. ба зери роҳбарии д.и.и., профессор Досиев М. Н. бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №10 аз 26-уми июни соли 2025 иваз карда шудааст.

Кори диссертатсионии Шарипов Некрӯз Гадомадович аз муқаддима, 3 боб 9 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад .

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкур илмӣ арзёбӣ гардида, объект, мавзӯъ ва фарзияи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

**Дар боби якум** асосҳои назариявӣ, мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, инчунин ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бахшида шудааст (саҳ.19-65). Аз ҷумла, хусусиятҳои хоси рақобати байнибонкӣ, ки робитаи ногусастанӣ бо иқтисодиёт ва сиёсати ҷумҳуриро дар бар мегирад, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқот муаллиф, инчунин, амсилаи умумии баҳодиҳии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро пешниҳод намудааст, ки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд низ истифодаи самараноки он аз манфиат холӣ нест. (саҳ.39)

**Дар боби дуюм** таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири рушди хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин боб ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, омилҳои таъсиррасон ба сатҳ ва сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва накши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ гардидааст (саҳ.66-111). Ҳамзамон дар ин боб омилҳои берунӣ ва дохилие, ки , ба

фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуда, тариқи расм пешниҳод карда шудаанд.(саҳ. 106-107)

**Дар боби сеюм** такмили самтҳои асосии танзими давлатии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши технологияҳои муосири инноватсионӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва такмили механизмҳои асосии идоракунии бехатарии иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд(саҳ112-147). Инчунин, дар ин боб тавсифи танзими давлатии бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, фикру андешаҳои муаллиф илман асоснок ва ҷамъбаст карда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар доираи ин боб оид ба истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ ва нақши он дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқот гузаронидааст, боиси қаноатмандист. Аз ҷумла муайян намудааст, ки дар низоми бонкӣ тадбиқ намудани технологияҳои муосири рақамӣ падидаест, ки аз ҷониби кормандони баландихтисоси соҳаҳои мухталиф, хусусан, дар соҳаи иттилооти бонкӣ тавассути истифодаи самараноки намудҳои гуногуни он амалӣ карда мешавад. (саҳ. 126)

Дар хулосаи диссертатсия вобаста ба вазифаву навгониҳо ва дастовардҳои илмӣ-амалии таҳияшуда пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оварда шудаанд (саҳ. 148-152). Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Шарипов Н. Г. дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро оид ба натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Шарипов Некрӯз Гадомадович худро ҳамчун таҳқиқотчии фаъол нишон дода, барои омода намудани

рисолаи номзадӣ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти ӯ дарак медиҳанд. Оид ба мавзуи диссертатсияи номзадӣ довталаб дар маҷмӯъ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи « Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» ба масоили мубрами рушди низоми бонкии кишвар бахшида шудааст.

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди иқтисодиёти рақамӣ барои давраи то соли 2040 робита дорад. Инчунин, мавзуи таҳқиқот дар доираи накшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, иҷро гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад. Аз ҷумла ба бандҳои: 8.13. Асосҳои интишори пул ва сиёсати эмиссионии БМТ. Иштироки БМТ дар идоракунии қарзи беруна.; 8.19. Методология ва таҷрибаи муносибатҳои асъорӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ.; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаи ниҳодии тараққиёти бахши бонкӣ ва робитаи он бо БМТ; 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии пулию

қарзӣ, макросиёсат ва микроравиш нисбат ба рушди системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои самаранокгардонии сандуқ;10.17. Амалкарди системаи шуъбавии бонкҳои тиҷоратӣ; 10.23. Проблемаҳои инкишофи созмонҳои ғайрибонкии кредитӣ. 11.7. Методҳои танзими гардиши пулию қарзӣ; 11.8. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ.

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» дар ҷараёни таълими кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад. Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисоди ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ метавон истифода бурд.

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсадҳои предмет ва объекти таҳқиқот, дар асоснокkунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

Диссертатсия мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, навгониҳои илмӣ асоснок карда шуда, натиҷаҳои он дар амалия ва раванди таълим истифода карда шуда истодаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» рисолаи мустақилона ва дар мавзуи мубрам

иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои муҳокима дар ҷаласаи кафедра ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – "Молия, муомилоти пулӣ ва қарз" тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракуниимолияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев М. Н.
«23» 06 2025 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кучаи Саид Носир, 33, х. 405. Тел.: (+992) 888076868, 918 11 96 48

Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А. Н.
«23» 06 2025 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33,Тел:(+992) 985 56 65 66, +992(37) 224-17-86